# ИҚТИБОС АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №14-2

шурои диссертатсинонии 6D.КОА-059 дар назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (ИМО,ГЭ ва Э АМИТ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм

аз 10 декабри соли 2024 ш. Душанбе

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 11 нафар тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок намуданд: 8 нафар.

**Раиси шурои диссертатсионӣ:** Амирзода О.Ҳ., доктори илмҳои техникӣ, дотсент.

**Иштирок намуданд:**

Амирзода О.Ҳ., д.и.т., дотсент, раиси шурои диссертатсионӣ; Ҳақдод М.М., д.и.т., профессор, муовини раиси шуро; Қодиров А.С. н.и.т., х.к.и, котиби илмии шуро; аъзоён: Давлатшоев С.Қ., н.и.т.; Носиров Н.К., д.и.т., х.к.и.; Раҳимов И.М., н.и.т., х.к.и.; Сафаров М.М. д.и.т., профессор; Ҳасанов Н.М., д.и.т., дотсент.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

§2. Оид ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи унвонҷӯ **Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич** дар мавзӯи **«Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси **05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ)**.

Аз руйи масъалаи 2-ум Амирзода О.Ҳ. - раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди ИМО,ГЭ ва Э АМИТ баромад намуда, ба Носиров Н., д.и.т., х.к.и., раиси комиссия оид ба экспертизаи диссертатсияи Зувайдов М.М. дар мавзӯи «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ) ҷиҳати ироа намудани натиҷаи экспертиза суханро пешниҳод намуд.

Носиров Н. баромад намуда, оид ба паҳлуҳои асосии диссертатсия ва мутобиқ будани он бо муқарарроти ҷорӣ суханронӣ намуд.

Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич дар мавзӯи «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара» кори диссертатсионӣ иҷро намуда, дар таҳқиқоти мазкур аниқкунии ҳисобҳои назариявии нақбҳои иншоотҳои гидротехникӣ қисман бо об пуркардашуда дар мисоли НБО-и Норак гузаронида шуд.

Дар ин ҷо моҳияти ҳисобкуниҳои асосӣ аз он иборат аст,ки таъсири уфуқии обҳои кундалангӣ аз суръати ҳаракати об ва тавонои қабати об дар нақби гиротехникӣ вобаста буда, равандҳои лаппишҳои зиёдро ба вуҷуд меоранд. Бо зиёдшавии суръати об зуддии лаппиш низ меафзояд.

Ингуна таҳқиқотҳоро дар шароити табиӣ гузаронидан мумкин аст, лекин ба таври иҷрой чунин таҷрибаҳо ғайриимкон аст, чунки дар сентрифуг суръати луларо бо сабаби мураккабии таҳқиқотҳои озмоишӣ идора кардан мумкин нест. Барои аниққунии суръати резиши об дар нақбҳои гидротехникӣ таҳқиқотҳои табий гузаронидан лозим буд, ки дар натиҷаи таҳқиқотҳои назариявӣ маҳдуд шуда буд.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда мутобиқат мекунад, мавзуъ вобаста ба самтҳои афзалиятноки илмӣ дар ҷумҳурӣ интихоб шудааст ва маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб дарҷ гардидаанд.

Кори диссертатсионии Зувайдов М.М. дар мавзӯи «Ҳолати техникӣ – коршоямӣ ва зилзилатобоварии нақби гидротехникии Данғара» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.23.00 – Сохтмон ва меъморӣ (05.23.07 – Сохтмони гидротехникӣ) барои ҳимоя дар Шурои диссертатсинонии 6D.KOA-059 назди ИМО,ГЭ ва Э АМИТ қабул карда шавад.

Комиссия пешниҳод менамояд, ки ба сифати муқарризони расмӣ шахсони зерин таъин карда шаванд:

- **Комилов Одина,** доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

- **Икромов Илҳомҷон Исломқулович,** номзади илмҳои техникӣ, дотсент мудири кафедраи механикаи сохтмон ва иншоотҳои гидротехникии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Донишгоҳи энергетикии Тоҷикистон** тасдиқ карда шавад.

Мутобиқи банди 60, Замимаи 2- и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023 с., №295 комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад, ки эълони ҳимояи диссертатсияи Зувайдов М.М. дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИМО,ГЭ ва Э АМИТ ҷой дода, автореферат чоп ва мутобиқи муқаррароти қабулшуда ирсол карда шавад.

**Ба овоз монда шуд:**
**тарафтори – 8 нафар; зид –нест; бетараф – нест.**

**Пас аз овоздиҳи ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Ҷиҳати гирифтани розигии муқаризони расмӣ ва муассисаи пешбар мактуби расмӣ ирсол карда шавад.
2. Барои нашр ва ирсоли автореферат тибқи муқаррароти ҷорӣ иҷозат дода шавад.
3. Рӯзи ҳимоя таърихи **27 феврали соли 2025, соати 09:00** муқаррар карда шавад.
4. Хулосаи комиссияи экспертӣ ба маълумот гирифта шавад.

Раиси Шурои диссертатсионии
6D.КОА-059, доктори илмҳои
техникӣ, дотсент Амирзода О.Ҳ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии
6D.КОА-059, номзади илмҳои техникӣ
ходими калони илмӣ Қодиров А.С.

Имзоҳои д.и.т., дотсент Амирзода О.Ҳ. ва н.и.т., х.к.и., Кодиров А.С.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири Шуъбаи кадрҳо ва
коргузории ИМОГЭваЭ АМИТ Холназарова З.Д.